*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Бахром Маҳмуд ба диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсияи Одиназода С.П. дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз (бандҳои 10. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ; 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 такмили идоракунии давлатии низоми бонкиро ҳамчун муҳаррики асосии рушди молиявӣ ва танзимгари муносибатҳои иқтисодӣ талаб мекунад. Инчунин, фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон дар давраҳои бухрони молиявии ҷаҳонӣ ( 2008-2009) ва бухрони низоми бонкии миллӣ (2015-2018) нишон дод, ки фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари ин соҳаи муҳим бояд аз тарафи мақомотҳои давлатӣ таквият дода шавад. Зеро, ҷиҳати нигоҳдории сатҳи пасти таваррум

ва таъмини рушди устувори иқтисодиети миллӣ ва ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар зарур арзёбӣ карда мешавад. Ин раванд, зери таъсири доимии омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба таваррум таъсир мерасонад, ба чунин ҳолат овард, ки дар таъмини суботи молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ на фақат маҷмӯи омилҳои пулию қарзӣ (меъёри фоизҳо, пардохтпазирӣ), балки омилҳои ғайримонетарӣ (сиёсати фискалӣ, хариди давлатӣ, амнияти озуқаворӣ, таъминоти логистика) афзун гардида, зарурияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои гуногуни давлатиро бо низоми бонкӣ такмил дода, аҳамияти идоракунии давлатии бахши бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият мебахшад. Дар ин самт, танзими сатҳи таваррум ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ на танҳо таъмини ҳамоҳангсозии сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ, балки ҳамоҳангии онҳоро бо сиёсати саноатӣ, энергетикӣ, сиёсати воридотӣ-содиротӣ, инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкорони хурду миена ва дигар ҷорабиниҳоро амалӣ намуда, самаранокии иқтисодиро таҳким мебахшад. Бояд қайд кард, ки таъсиси Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №331 аз 21.06.2018), ки мақоми байниидоравии доимоамалкунанда, ки ба ҳайати он роҳбарияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буданд, раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро самаранок гардонида, аҳамияти иқтисодии низоми бонкиро таҳким бахшид. Маврид ба ёдоварист, ки ҳадафи асосии ин ниҳод баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо ҷиҳати коҳиш додани онҳо баҳри таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ гардида, ба ҷараёни пешрафти иқтисоди воқеӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Таҷрибаи буҳрони бонкии Тоҷикистон, ки солҳои 2015-2018 ба вуҷуд омад, ба рушди низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонид. Ин буҳрон сабаб гардид, ки ҳароҷотҳои буҷавӣ афзоиш ёбанд ва ҳаҷми қарзи давлатии дохилӣ зиёд шуда, марҳилаи барқарорёбии низоми бонкӣ, коҳиши ҳаҷм ва ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ ва қарзҳои бонкӣ ба иқтисодиёт нисбат ба ММД ва дигар зуҳуротҳо таъсир расонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон зиёда аз 40%-и қарзҳои бонкӣ ба қонеъ гардонидани талаботҳои истеъмолии шарҳвандон равона гардидааст ва барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ камтар аз 25%-и сандуқи қарзии низоми бонкӣ равона гардидааст, ки ба ҷараёни рушди соҳаҳои иқтисоди воқеӣ метавонад таъсири манфӣ расонад.

Бинобар ин, масъалаҳои таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар ин самт дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, мубрамияти таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ бешубҳа мебошад.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Навгонии илмии диссертатсияи Одиназода С.П. дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ, мукаммалгардонии механизми идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва дар ин асос пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок арзёбӣ карда мешавад.

Навгониҳои илмии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд аз инҳо иборат мебошанд:

– ҷанбаҳои назариявии идоракунии давлатии бахши бонкӣ, инчунин маҷмуи консепсияҳо ва мактабҳои илмие, ки мавқеи низоми бонкӣ ва зарурияти идоракунии давлатии онро дар шароити муосири иқтисодӣ баҳри таъмини рушди устувор ва самараноки иқтисодиети миллӣ ва соҳаҳои мухталифи он  замина мегузорад, таҳқиқ ва гуруҳбандӣ гардиданд;

– усулҳои муосир ва воситаҳои гуногун (дар асоси қонунгузорӣ, истифодаи меъёрҳои пруденсиалӣ, андозбандӣ ва ғайра), ки давлат ҳангоми идоракунии бахши бонкӣ истифода намояд, гуруҳбанди гардида доираи истифодаи онҳо арзёбӣ шудаанд;

– таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (ИМА, Олмон, Федератсияи Русия, Қазоқистон ва ғайра) дар самти тақвияти  идоракунии давлатии бахши бонкӣ имконият дод, ки баҳри таъмини  пешрафти фаъолияти ташкилотҳои қарзии ватанӣ чунин усулҳо ба монанди баландбардории иқтидори молиявӣ, таҳкими пардохтпазирӣ, таъмини босуботи бозоргирӣ ва ғайраҳо барои шароити Тоҷикистон  пешниҳод карда шаванд, на танҳо зимни бухронҳои иқтисодӣ, балкӣ пайваста дар ҷараёни фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ;

–ҳолати муосири бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзебӣ гардида, муайян шуд, ки нақши давлат метавонад тариқи дастгириҳои молиявӣ, инчунин ташкили фондҳои махсус аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва низоми идоракунии самараноки нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ тақвият дода шуда, таҳкими пардохтпазириву бозоргирии ҷараёни фаъолияти бахши бонкӣ устувор нигоҳ дошта шавад;

– мавқеи бонкҳои давлатӣ ҳамчун субъектҳои калидии низоми бонкӣ таҳлил гардида, дурнамои рушди фаъолияти онҳо дар самти ҷалби сармоя ва пасандозҳо, қарздиҳи то соли 2030 коркард ва  пешкаш гардид;

– муайян гардид, ки идоракунии давлатии бахши бонкӣ аз ду сатҳи асосӣ иборат буда, дар сатҳи якум давлат бо истифодаи механизмҳои макроиқтисодӣ (сиёсати пулию қарзӣ ва ғайра) ва дар сатҳи дуюм бо истифодаи механизми маъмурӣ (иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирӣ, андозбандӣ ва дигар усулҳо) раванди фаъолияти босамари ташкилотҳои қарзиро идора менамояд дар асоси таҳия ва роҳандозии  стратегияи идоракунии давлатии бахши бонкӣ.

Дар **Муқаддима** (с. 4-14) мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқикот, фарзияи таҳқикот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар Боби якум - «Асосҳои назариявӣ – методии идоракунии давлатии бахши бонкӣ» (с.15-67)** ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бонкҳо ва аҳаммияти он дар раванди муосири иқтисодӣ, усулҳои идоракунии бахши бонкӣ дар иқтисодиёти муосир, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳқиқот карда шудааст.

Муаллиф пайдоиши бонкҳоро ҳамчун объекти таҳқикот, ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, аҳаммиятнок будани бонкҳо дар пешбурди фаъолияти хоҷагидории мамлакат, рушди устуворонаи иқтисодиёт дуруст таҳқиқ менамояд. Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки монетаризм ва намояндагони ин мактаби илмӣ (Д. Юм, Д. Рикардо ва М. Фридман) заминаҳои муосири идоракунии давлатии иқтисодиётро замина гузоштанд.

Дар таҳқиқи фаъолияти бонкҳо ва низоми бонкӣ ҳамчун падидаи навин дар ҷомеа, пахлӯҳои гуногуни фаъолияти онҳо ва аҳаммияту накши он дар рушди иқтисодӣ –иҷтимоии ҷомеа олимони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ (классикӣ, неоклассикӣ ва ғайра) ба монанди А. Смит, Ҷ.М. Кейнс, К. Маркс, И. Шумпетер, П.Самуэлсон, Д. Рикардо ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта шудаанд. Дар тадқиқотҳои онҳо дар рушду тараққиёбии фаъолияти бонкҳо ва баландбардории аҳаммияти онҳо дар иқтисодиёт накши боризи худро гузоранд.

Дар баробари ин, саҳми олимони муосири рус (Лаврушин О.И., Жарковская Е.П. ва дигарон) дар таҳқиқи фаъолияти бонкҳо назаррас буда, ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ бояд тартиби гардиши зихараҳои молиявӣ-пулиро ба роҳ монда, сармоягузории соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиро таъмин созанд. (саҳ.15-19).

Аз тарафи муаллиф тадқиқотҳои олимони ватанӣ (Ш. Раҳимзода, Раҳимов З.А., Умаров Х., Қурбонов А.К., Хушвахтзода Қ.Х., Ҳикматов У.С., Давлатов И.Х., Шарипов Б.М. ва дигарон) аҳаммияти низоми бонкӣ дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои мухталифи хоҷагидорӣ баланд арзёбӣ шудааст. (саҳ.19-21)

Муаллифи рисола саҳми идоракунии давлатии иқтисодиётро дар шароити муосир шарти муҳим арзебӣ намуда, қайд менамояд, ки “пешрафти иқтисодиёти кишвар бидуни таъсири давлат ғайриимкон мебошад (саҳ. 24).

Дар рисола қайд шудааст, ки “таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҳияи асосҳои методологии ташкили низоми муассире, ки ҳамаҷониба идоракунии давлатии фаъолияти бонкҳоро фарогир аст, роҳандозӣ ва коркард нашудааст, махсусан, аҳаммиятнокии бахши бонкӣ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҳоло ҳам ба таври зарурӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст”(саҳ.26). Хулосаҳои назариявӣ-методологии муаллифи рисола

оиди саҳми давлат дар истифодаи механизмҳои идоракунии самараноки иқтисодиёти миллӣ баҳри пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, алалхусус бахши бонкӣ, ки дорои як қатор хусусиятҳои хос, инчунин сохтори мураккаб, ҷой доштани қисматҳои фундаменталӣ, ташкилӣ ва идории он, тамоюли афзоиш ёфтани нақши танзими давлатӣ, алалхусус дар марҳилаҳои буҳронӣ ва ғайра, илман асоснок арзебӣ мегардад (саҳ. 26-31).

Аз тарафи муаллиф, дар бахши бонкии мамлакат мушкилотҳои зиёд, инчунин норасоиҳои захираҳои пулӣ, истифодаи ғайрмақсадноки сармояи мавҷуда, коҳишёбии эътимоднкоии ташкилотҳои қарзӣ, рақобати ғайриҳирфаӣ, таъсири буҳронҳои молиявӣ, ки ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзиро халалдор месозанд, ошкор гардида, баҳри бартараф намудани онҳо истифодаи усулҳои таъсиррасони бевосита (дар асоси истифодаи механизми меъёрӣ-ҳуқуқӣ (яъне қабули санадҳои меъёрӣ вобаста ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, тағйирот ба қонуну санадҳои мавҷуда, фаъолияти иҷозатномадиҳи), идоракунии корхонаҳои воҳиди давлатӣ, сармоягузории давлатӣ, қарзи давлатӣ ва субсидияҳо, татбиқи таҳримҳо ва муҳофизати муҳити атроф) ва бавосита (банақшагирӣ ва барномасозӣ, танзими буҷет, сиёсати андоз, танзими нархҳои молҳои алоҳида, муқаррар намудани ҳадди ақали музди меҳнат, сиёсати зиддиинҳисорӣ, сиёсати амортизатсионӣ, воситаҳои пулӣ-қарзӣ, фишанги асъорӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва шаклҳои иқтисодии хориҷӣ) аз тарафи давлат дар идоракунии иқтисодиёт ва низоми бонкӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардидаанд (саҳ. 32-38).

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар акси ҳол, “дар ҳолати бад гардидани вазъи молиявии бахши бонкӣ таъсири манфии он ба кулли иқтисодиёт мерасад. Фалаҷшавии иқтисоди воқеӣ, коҳишёбии нишонидҳандаҳои макроиқтисодӣ, болоравии таваррум, ривоҷ наёфтани такрористеҳсолот, поёнравии қурби пули миллӣ аз оқибатҳое мебошанд, ки дар натиҷаи фаъолияти ғайрисамраноки бахши бонкӣ ба миён меоянд. Аз ин ҷост, ки давлат ҳамчун институти идоракунанда бояд суботи молиявии бахши бонкиро таъмингар бошад. Дар акси ҳол стагфилятсия ба вуҷуд омада, ҷанбаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакатро фалаҷ месозад.” (саҳ. 39)

Роҳҳои идоракунии бахши бонкӣ аз ҷониби давлат ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо гардидаанд, инчунин бо воситаи роҳандозии сиёсати фискалӣ, яъне сиёсати андозиву буҷетӣ; таҳия санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (саҳ.44-46). Дар ин ҷода, аз таҷрибаи ИМА бо назардошти “Депрессияи бузург”-и солҳои 30-юми асри XX нақши давлатро дар пешравии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ назаррас гардонид, инчунин ҷиҳати татбиқи амалиёти бонкӣ ва фаъолияти минбаъда кафолати давлатӣ дода шуда, бо ин боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд гардид (саҳ. 48-49).

Аз таҳқиқи таҷрибаи низоми бонкии Федератсияи Россия ба таъмини ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои муштариён, ки бояд дар мадди аввал зери танзими давлат барои таъмини суботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ гардад (саҳ.49- 54).

Идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон тақозо менамояд, ки бояд стратегияҳои алоҳида вобаста ба рушди бахши бонкӣ, таҳияи барномаҳои гуногун ва роҳу услуҳои махсус баҳри фаъолияти самаранок ва устувори низоми бонкӣ коркард ва роҳандозӣ карда шавад (саҳ. 54-58).

Инчунин, дар рисола ду модели бонкдорӣ: англисӣ – амрикоӣ (дар кишварҳои Англия, ИМА ва дигар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ истифода мегардад) ва модели континенталӣ (Германия, Ҷопон ва қисмати зиёди мамлакатҳои аврупоӣ татбиқ гардидааст) зери таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои онҳо таҳқиқ шудаанд (саҳ, 58-59).

Таҷрибаи идоракунии давлатии бахши бонкии Гурҷистон, ки дар муддати на он қадар тӯлонӣ низоми бонкии худро ҳамчун низоми инкишофёфта ва устувор нишон дод, бояд дар шароити Тоҷикистон татбиқ карда шавад. Диққати махсус ба ҷалби муштариёни резидент ва ғайрирезидент дода шудааст бо роҳҳои сатҳи пасти пардохтҳои комиссионӣ барои хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунию хазинавӣ, дастрасӣ ва осонӣ дар ҷараёни бақайдгирӣ, риояи қатъии речаи махфият ва ғайраҳо, ки шароити хубро барои тоҷирони давлатҳои ҷаҳон оиди кушодани ҳисобҳои шахсӣ ва корпоративӣ таъмин намуд. (саҳ. 60-63).

**Дар Боби дуюм - «Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » (с. 68-120)** ҳолати муосири бахши бонкӣ баҳогузорӣ шуда, таъсири давлат ба таҳкими минбаъдаи он, инчунин андозбандӣ ҳамчун механизми муҳими таъсиррасони давлат ба бахши бонкӣ таҳқиқ карда шудааст.

Муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки “бухронҳои молиявие, ки солҳои охир (2008,2012,2014) дар як қатор кишварҳои аз нигоҳи молиявӣ устувор ба амал омаданд, ба низоми молиявӣ-бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири худро расониданд. Ташкилотҳои қарзӣ зимни бухронҳои молиявӣ натавонистанд, ки ба рақобати шадид ва вазъи ногувори иқтисодӣ тоб оваранд. Маълум гашт, ки дар соли 2023 шумораи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо соли 2018 ба 63 адад коҳиш ёфт.

Дар ин самт, сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон оиди гузариш аз шумора ба сифат боиси муфлис гардидани ташкилотҳои қарзӣ шуд. Омили дигар, ин дар раванди идоракунӣ ташкилотҳои қарзӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додан, ба устувории молиявии низоми бонкӣ таъсири манфи расонида, сабаби коҳишёбии боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ гардид(саҳ. 68-72).

Новобаста аз таъсири омилҳои берунӣ ва тағйиротҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои таҳлилшаванда (2013-2023) фаъолияти муътадили молиявиро нишон дода, нишондиҳандаҳои молиявӣ ва миқдорӣ (шумораи филиалҳо, марказҳои хизматрасонӣ, банкоматҳо ва меъёри бозоргирии онҳо) тамоюли афзоишёбӣ дошта, саҳми давлат аз тарафи муаллиф ҳамчун институти салоҳиятдор дар ин ҷараён мусбӣ арзёбӣ гардидааст (саҳ. 72-77). Аз тарафи муаллифи рисола

муваффақиятҳои низоми бонкӣ дар истифодаи самараноки фишангҳои идоракунии давлатии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, бо воситаи танзими меъёри бозтамвил, пешниҳоди қарзҳои бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, табдилдиҳии пасандозу амонат ба сармоя дар бахши бонкии кишвар, беҳсозии фазои сармоягузориро дар ин самт, танзими фоизи бонкӣ аз рӯи қарзҳо ва пасандозҳо, инчунин пешниҳод гардидани имтиёзҳои фоизӣ ба соҳибкорони истеҳсолии ватанӣ аз тарафи бонкҳои давлатӣ, ки барои татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар заминаи мусоиди рушдро фароҳам овард (саҳ. 78-94).

Яке аз дастовардҳои рисола ин гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи фаъолияти бонкҳои давлатӣ (КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ва КВД БССТ «Саноатсодиротбонк») дар давраи солҳои 2013-2023 мебошад, ки афзудани нақши онҳоро дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши бонкӣ инъикос мекунад (саҳ. 95-101).

Дар баробари ин, муаллифи рисола, бо истифода аз модели қатори вақтӣ дурнамои рушди нишондиҳандаҳои бонкҳои давлатӣ ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро то соли 2030 коркад ва пешниҳод кардааст, ки яке аз навовариҳо ва дастовардҳори рисола мебошад. Исбот гардидааст, ки идоракунии давлатии бахши бонкӣ, инчунин мусоидат ба пешрафти фаъолияти бонкҳои давлатӣ барои низоми хоҷагидории мамлакат аҳамияти молиявии бузург дошта, соҳаҳои калидии итисодиётро пеш мебарад. (саҳ.102-106).

Таҳлил нишон медиҳад, ки даромаднокии бонкҳои тиҷоратии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар давоми солҳои 2018-2023 ҳамасола афзоиш ёфта, ҳиссаи андозҳои супоридаи ин ташкилотҳои қарзӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Аз ҷумла дар ин давра, маблағҳои ҳамчун андоз пардохтнамудаи ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”-3,4 маротиба, ҶСП “Бонки байналмиллалии Тоҷикистон”-4,7 маротиба, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”-5,2 маротиба, ҶСП “Спитамен Бонк”-1,3 маротиба, ҶСП “Бонки Арванд”- 2,8 маротиба афзоиш ёфтаанд. Дар баробари ин, андозбандии пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда мешавад (саҳ.111- 118).

Аз тарафи муаллифи рисола пешниҳод оиди тақвияти “низоми андозбандие барои ташкилотҳои қарзӣ, ки барои беҳбудии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст ва барои афзоишёбии маблағгузориҳои бонкҳои тиҷоратӣ ба иқтисоди воқеӣ асос гузорад” (саҳ. 118); роҳандозии низоми муътадили андозбандӣ ва идоракунии давлатии бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба густариши фаъолияти низоми бонкӣ ва афзудани шумораи амалиёти бонкӣ сабаб мегардад; афзудани нақши низоми бонкӣ дар ташаккули буҷети давлат; гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ; афзоишёбии хизматрасониҳои фосилавии бонки; дар ҷамъоварии андозҳо, ҳамкории густурда бо андозсупорандагон ва таҳмили маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ қобили қабул мебошанд (саҳ. 118-120).

**Дар боби сеюм - « Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » (с.121- 157)** оид ба тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ ва такмили меъёрҳои пруденсиалӣ-назоратӣ доир ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ тадбирҳо пешкаш шудаанд.

Дар раванди тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муаллифи рисола илман асоснок чунин равандҳоро пешниҳод мекунад: пешгирии буҳронҳои иқтисодӣ, ки пайваста ба вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ таъсири манфи мерасонад; коркард ва амалисозии сиёсати иқтисодии давлат, ки заминаи асосии рушди бахши бонкиро барои давраи миёнамӯҳлат фароҳам оварда тавонад; ташкили низоми муассири идоравӣ ва тақвияти механизми идоракунии бозори молиявӣ; табдили давлат ба маркази ягона ва асосии ҳамоҳангсоз ва танзимкунандаи низоми иқтисодию молиявӣ; таъмини идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба ду қисмати асосӣ, инчунин, якум, бо истифодаи механизмҳои макроиқтисодӣ, ки бо сиёсати пулию қарзӣ алоқаманд ва сатҳи дуввум- идоракунии ҷараёни фаъолияти субъектони бахши бонкӣ бо истифодаи мақомотҳои давлатӣ зимни бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ ва ғайра мебошанд (саҳ. 124-130).

Муайян гардидааст, ки идоракунии давлатии низоми бонкӣ ва сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд бо риояи принсипҳои зерин: чандирӣ ва самарабахшӣ; доимӣ ва босуботӣ; воқеӣ ва боадолатона; таҳкимбахшанда ва кофӣ бошад.

Аз тарафи муаллифи рисола механизми идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар ҳолатҳои ноустувории иқтисодӣ ва буҳронҳои молиявӣ, ки фарогири манфиатҳои ташкилотҳои қарзӣ, муштариён, шарикони молиявӣ, муассисони бонкҳои тиҷоратӣ, саҳмдорон ва дигар ашхоси бо бахши бонкӣ алоқаманд мебошад, инчунин низоми идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ коркард ва пешкаш карда шудааст ки ҳамчун навоварии илми арзебӣ мегардад (саҳ. 129-134).

Дар ҷараени баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки бояд қабули барномаҳо, стратегияҳо ва коркарди консепсияҳои мушаххас барои рушди устувори низоми бонкӣ аз ҷониби давлат ташкил карда шуда, механизми баҳодиҳии таъсири татбиқи усулҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ роҳандозӣ шавад. Онҳо бояд масъулиятҳо ва доираи вазифаҳои байни сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратиро ба инобат гиранд. (саҳ.135- 137).

Дуруст қайд гардидааст, ки "сиёсати пулию қарзӣ бояд дар маҷмуи ягона бо сиёсати умумии иқтисодӣ, саноатӣ ва молиявии давлат ташаккул ёбад". Бахши бонкиро ҳамчун як организми ягона – дар робитаи ногусастании байни робитаҳои давлатӣ ва тиҷоратии он баррасӣ карда, самаранокии дастгирии давлатии низоми бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи тадбирҳои зерин баланд бардоштан мумкин аст: ташкил

намудани низоми бонкҳои махсусгардонидашуда (бонкҳои рушд) бо сармояи давлатӣ барои қарздиҳӣ ба соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ; сармоягузории бонкҳо дар асоси маблағҳои буҷети давлатӣ ва дар ин асос зиёд намудани сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар; рушди инфрасохтори қарзӣ (масалан, фондҳои кафолати давлатӣ, бюроҳои қарзӣ ва ғ.), аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳо ва дастгирии бевоситаи мақомоти маҳаллӣ ва ғ. (саҳ.144-145). Ҳамчун усули муосир ва самараноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ низ такмилдиҳии меъёрҳои пруденсиалӣ-назоратӣ муайян гардидааст, аз ҷумла танзими захираҳои ҳатмӣ, меъёри кифоятии сармоя, меъёри бозтамвил, меъёри сармояи оиномавӣ, меъёри ниҳоии пасандозҳо, суғуртаи ҳатмии пасандозҳо ва ғайра. Дар ҳамбастагӣ бо ин, пешниҳод мегардад, ки риояи ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои Кумитаи Базелӣ, ҷиҳати баландбардории суботи молиявии бонкҳо; баҳодиҳии дурусти хавфҳо; муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати роҳбарони бонкҳо, ки дар ҳисоботҳояшон маълумотҳои бардурӯғ пешниҳод мекунанд; низоми пеш аз муҳлат огоҳ намудани мушкилиҳои эҳтимолии дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, фаъолияти бюрои таърихи қарзҳо самаранок ба роҳ монда, методологияи назорати фаъолияти бонкҳои низомсоз ва бонкҳое, ки филиалҳои зиёд доранд таҳия карда шуда дар амал роҳандозӣ гардад. (саҳ.148- 157)

Дар зербоби **Хулоса ва пешниҳодҳо** маҷмуӣ хулосаҳои назариявӣ методологӣ- методӣ ва тавсияҳо амалӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд (с. 159-168).

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар диссертатсия ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот асарҳои бунёдии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар самти такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки аз баррасии фарохи муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз маҷмӯӣ усулҳои муосир, ба монанди усулҳои диалектикӣ, илмӣ-мантиқӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, сотсиологӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлилӣ-омилӣ ва гурӯҳбандии оморӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ояндабинӣ истифода кардааст.

Истифодаи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бахши бонкӣ, идоракунии давлатии он, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии мақомотҳои давлатӣ, инчунин Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии институтҳои байналхалқии молиявии бонуфуз ва марказҳои таҳқиқотии хориҷӣ, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ, таҳлилу хулосаҳои институтҳои давлатӣ ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ ва амалии хулосаҳо ва тавсияҳоро инъикос мекунад.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии диссертатсия дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқии илмию назариявии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ зоҳир гардидааст. Он метавонад дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави такмили механизми идоракунии давлатии бахши бонкӣ истифода гардад ва асосҳои назариявии масъалаи мазкурро тақвият бахшад. Хулосаҳои назариявии диссертатсия дар раванди таҳияи стратегияи такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ, мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ баҳри татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат менамоянд.

Инчунин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таълим дар макотиби олӣ ва тадриси фанҳои тахассусӣ аз фанҳои «Макроиқтисодиёт», «Ташкили фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон», «Фаъолияти бонкӣ» ва «Низоми бонкӣ» васеъ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Истифодаи натиҷаҳои диссертатсияи мазкур дар фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, инчунин Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ мусоидат карда, ҷиҳати устувор гардонидани мавқеъ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва бахши бонкӣ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иқтисодии диссертатсия** дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиети миллӣ дар заминаи такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ, устувор гардонидани мавқеъ онҳо нисбат ба таъсири маанфии омилҳои беруна ва доҳилӣ ва дар ин асос гузариш ба рушди устувори иқтисодиети миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мусоидат менамояд.

Тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои коркарди самараноки механизми такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мезо ( БМТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва микро ( ташкилотҳои қарзӣ) истифода шавад.

**Аҳамияти иҷтимоии** диссертатсия дар таъмини фаъолияти устувори бахши бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ, ки боиси афзудани сармоягузорӣ ва қарздиҳии соҳаҳои воқеии он мегардад, замина гузошта, ҳамгироии бахши бонкиро бо иқтисоди воқеӣ тақвият мебахшад.

Тавсия мешавад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои коркарди самараноки механизми бисёрҷанба дар раванди такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт, мезо ва микро истифода ва татбиқ карда шавад.

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ҳамаи** он вазифаҳое, ки оид ба мавзуи баррасишаванда, яъне, дар доираи такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ, дар назди муаллиф гузошта шуда буд, ба

пуррагт иҷро шудаанд. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсади гузоштaшуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии идоракунии давлатии бахши бонкиро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба такмили он дар сатҳӣ институтсионалӣ пешниҳодҳои илман асоснок намудааст. Фарзияи таҳқиқот унвонҷӯ эҳтимолияти баланди татбиқшавӣ дошта, онро аз рӯйи натиҷа низ муайян намудан имконпазир аст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 24 адад мақолаҳои илмӣ, инчунин 10 мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, нашр гардида, пурра ба талабот ҷавобгуй мебошанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботҳои Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертасия ба бандҳои меъёрии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва дигар талаботҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ оиди «Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267» тасдиқ шудааст, инчунин талаботҳои дигари КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва ҷавобгӯй аст.

**9. Эродҳо оид ба тадқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари паҳлӯҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ, он дорои камбудиҳо ва хатогиҳо мебошад, инчунин:

1. Мубрамияти таҳқиқи диссертатсияи тақризшаванда аз тарафи муаллиф ба пуррагӣ дарҷ нашудааст, инчунин таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба таваррум таъсир мерасонад, ба чунин ҳолат овард, ки дар таъмини суботи молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ на фақат маҷмӯи омилҳои пулию қарзӣ (меъёри фоизҳо, пардохтпазирӣ), балки омилҳои ғайримонетарӣ (сиёсати фискалӣ, хариди давлатӣ, амнияти озуқаворӣ, таъминоти логистика) афзун гардида, зарурияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои гуногуни давлатиро бо БМТ, яъне, такмили идоракунии давлатии бахши бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад;
2. Дар зербоби 1.3, ки муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷаро вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳқиқ кардааст, лекин ҷузвҳои онро барои истифодабари дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳеҳ ва пурра инъикос накардааст;
3. Дар боби 2 таҳлили вазъи рушди низоми бонкӣ ва арзёбии он бояд бо назардошти ҷой доштани буҳрони низоми бонкӣ воқеъбинона арзёбӣ гардад, то ки хулосаҳои назароявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснок таҳия гарданд;
4. Дар рисола таҳлили вазъи низоми бонкӣ бо истифодаи давраҳои гуногун роҳандози гардида, барои арзёбӣ носаҳеҳ ва хулосабардории ғалат оварда мерасонад. Бояд давраи ягонаи таҳлилӣ, ки солҳои 2015-2023 дар бар

мегирад, истифода гардад;
5. Дар диссертатсия камбудиҳои техникӣ дар таҳияи ҷадвалу расмҳо ва хатогиҳои имлоӣ дида мешавад.

Норасогиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Рисолаи диссертатсионии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомёфта, дорои навгониҳои назариявӣ ва амалӣ, дар илму истеҳсолоти ватанӣ татбиқшаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31,32,33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия Одиназода Сафаралӣ Пулодхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Шарифзода Б.М.**

Имзои д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ менамоям

**Нозири кадрҳои**
**Институти ИИД АМИТ** **Зиеева М.С.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, х. Айнӣ, 44. Тел: (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221- 57-65, E-mail: eco_institute@rambler.ru